**«Тасдиқ мекунам»**

**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**

**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**

**______________ Насриддинзода Э.С.**

**«27» __02__ 2026**

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Нуров Суҳроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ дар кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Нуров Суҳроб Рустамович унвонҷӯи кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Нуров Суҳроб Рустамович соли 2014 ба факултети таърихи ДМТ дохил шуда, соли 2019 онро ҳамчун мутахассис аз рӯйи ихтисоси таърихи ватанӣ хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ соли 2020 дар кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи ДМТ ба ҳайси ассистент фаъолияти меҳнатиашро шуруъ намудааст. Бо фармоиши ректори ДМТ аз 15.05.2024, №172-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносӣ қабул шудааст.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Нуров С.Р. «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» дар ҷаласаи шурои олимони факултети таърих (27.11.2020 бо суратҷаласаи №04) тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 18.02.2026 таҳти №23 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Нуров Суҳроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» дар ҷаласаи кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи ДМТ (аз 24.02.2026 суратҷаласаи №7/1) муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Дар хусуси натиҷаи баррасии диссертатсияи Нуров Суҳроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Нуров Суҳроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ дар кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии ДМТ иҷро шудааст.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки яке аз бандҳои он ба мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» барои солҳои 2020–2025 бахшида шудааст, анҷом ёфтааст.

3. **Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмии ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 6 мақолаи илмӣ нашр гардиданд, ки аз ин шумора 4 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардида фарогири мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводди чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

4. **Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферат он.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ бо такя ба омӯзиши масоили мубрами таърихи халқи тоҷики нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар Осори профессор О.Б. Боқиев инъикос гардидааст. Ҳамзамон, таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев бо таҳқиқоти замонӣ ва баъдӣ муқоиса гардида, натиҷагирӣ шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки диссертатсияи мазкур ҳангоми таҳияи маводди гуногуни илмӣ, аз қабили маводди таълимию методӣ ва хондани курсҳои махсус барои ихтисосҳои таърихи донишкадаву донишгоҳҳои олии кишвар истифода гардад. Ҳамзамон, рушанӣ андохтани масоили мубрами таърихнигорӣ ва сарчашмашиносии таърихи халқи тоҷик дар охири асри XIX ва оғози асри XX мусоидат намояд.

5. **Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Рисолаи номзадии Нуров Суҳроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» мубрам ба ҳисоб рафта, барои илмҳои таърих муҳим арзёбӣ мегардад. Муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳамчунин тарзи масъалагузорӣ ва услуби таълифи диссертатсия саҳмгузор аст. Ҳамаи

марҳалаҳои таҳқиқот – интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, муҳим будани он, муайян намудани ҳадафи асосии таҳқиқот ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда бо иштироки муаллиф анҷом гирифтаанд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар он аст, ки бори нахуст таҳқикоти диссертатсионӣ оид ба саҳми О.Б. Боқиев дар омӯзиши таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ҳудудҳои Тоҷикистон мебошад. Аз мазмун ва муҳтавои рисола бармеояд, ки саҳми профессор О.Б. Боқиев дар таҳқиқи таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX Тоҷикистон нишон дода шуда, пажӯҳиши ӯ бо сори дигар муҳаққиқон муқоисаи гардидааст. Муаллифи рисола навгонии рисоларо дар нуҳ банд нишон додааст. Махсусан, рӯзгор ва осори профессор О.Б. Боқиев, ба гардиши илмӣ ворид намудани маводди бойгонии шахсии ӯ, саҳми професссор О.Б. Боқиев дар омӯзиши масъалаҳои мубрами таърихи Тоҷикистони охири асри XIX – оғози асри XX ва инъикоси он дар таърихнигории тоинқилобии рус, омӯзиш ва таҳқиқи вазъи сиёсӣ, сохтори маъмурӣ ва идории ҳудудҳои Тоҷикистон аз ҷониби профессор О.Б. Боқиев, забти Осиёи Миёна аз ҷониби Русияи подшоҳӣ ва паёмадҳои он, таърихи халқи тоҷик дар таърихнигории тоинқилобии рус дар асоси осори О.Б. Боқиев ва амсоли ин аз муҳимтарин нуктаҳои навгонии рисола дониста мешаванд.

Диссертатсияи Нуров Сухроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» ба ихтисоси интихобшуда комилан мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои шиносномаи ихтисоси илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мутобиқат мекунад. Инчунин мавзуи диссертатсия ба «Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 4-уми декабри соли 2014, №765 тасдиқ шудааст, алоқамандии зич дорад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашма ва адабиёт иборат мебошад.

Мундариҷа ва муҳтавои асосии диссетатсия дар 6 мақолаи зерини нашршудаи муаллиф, ки 4 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст, инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М]. Нуров, С. Саҳми профессор О.Б. Боқиев дар омӯзиш ва инъикоси масъалаи мардикорӣ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ [Матн] / С. Нуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2022. – №3. – С. 67-71.

[2-М]. Нуров, С. Инъикоси масъалаи рақобати Русияи подшоҳӣ ва Британияи Кабир оид ба ҳамроҳ намудани Помир дар осори О.Б. Боқиев [Матн] / С. Нуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2022. – №7. – С. 56-60.

[3-М]. Нуров, С. Инъикоси аҳаммияти таърихии ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ба Русия дар осори профессор О.Б. Боқиев [Матн] / С. Нуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2023. – №4. – С. 78-83.

[4-М]. Т.М. Ғуломов, Нуров, С. Инъикоси масъалаи забти ҳудудҳои Тоҷикистони шимолӣ аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев. [Матн] / Т.М. Ғуломов, С. Нуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2023. – №4. – С. 78-83.

**II.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои дигар чоп шудаанд:**

[5-М]. Нуров, С. Инъикоси масъалаи ҳамроҳ намудани Помир ба ҳайати Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти О.Б. Боқиев [Матн] / С. Нуров // Инъикоси таърихи тоинқилобии халқи тоҷик дар осори профессор О.Б. Боқиев. Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 90-солагии бузургдошти бунёдгузори кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносӣ О.Б. Боқиев. – Душанбе, 2024. – С. 198–203.

[6-М]. Нуров, С. Бозтоби вазъи хоҷагии деҳоти ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев [Матн] / С. Нуров // Бозтоби вазъи хоҷагии деҳоти ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев. Маводи

Конференсияи илмии байналмилалӣ. «Муаммоҳои илму фан дар шароити ҷаҳонишавӣ». – Хуҷанд-Фарғона. 31.03.2025. – С.606-624.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи номзадии Нуров Сухроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ таҳқиқоти илмии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи номзадии Нуров Сухроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ барои ҳимояи кушод ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок карданд: ҳамагӣ 9 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 9 нафар; зид – нест; бетараф – нест.

Суратҷаласаи №7/1 аз 24.02.2026.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи**
**таърихнигорӣ ва архившиносӣ,**
**н.и.т., муаллими калон** **Саймуҳамади Бобоҷон.**

**Котиби маҷлис, н.и.т., муаллими**
**калони кафедраи таърихнигорӣ ва**
**архившиносии факултети таърих** **Маҳмудзода С.А.**

**Имзои Саймуҳамади Бобоҷон ва**
**С.А. Маҳмудзодаро**
**тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС • ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН • TAJIK NATIONAL UNIVERSITY • УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦ...

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Тел.: (+992) 2217711, факс:2271510
Сомонаи интернетӣ: www.tnu.tj